**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.04.2025, №9

Дар бораи сазовор донистани Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ.

Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 14 феврали соли 2025 (Суратмаҷлиси №2) барои ҳимоя қабул гардидааст (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъсиси шурои диссертатсионӣ аз 01-уми октябри соли 2024, таҳти №364/шд).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович соли таваллудаш 1980, соли 2011 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси «таърих» хатм намудааст. Аз соли 2015 то соли 2020 унвонҷӯи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ маҳсуб меёфт. Айни замон дар Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ходими калони илмии шуъбаи меъёрбандӣ, музди меҳнат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра – доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи милии Тоҷикистон;

**Назиров Назир Давлатхоҷаевич** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири шуъбаи гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш.Бохтар) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ректори ин донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шуда, дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим мебошад. Диссертатсияи мазкур кори мустақилона анҷомёфтае мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқаррааргардида таҳия шудааст. Дар раванди таҳқиқот миқдори зарурии адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба масъалаи омӯхташаванда ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Гузашта аз ин, диссертатсия аз рӯйи мазмуну мундариҷа бо ихтисоси интихобнамуда мувофиқат менамояд. Дар маҷмуъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Тахассуси илмии довталаб низ барои дарёфти дараҷаи илмӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзуи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мебошад.

Довталаб вобаста ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 мақолаи илмӣ чоп намудааст.

**Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда:**

1. Ходжаев, Х.Х. Геополитическая ситуация в регионе и её влияние на национальную безопасность Республики Таджикистан [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Известия Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова АН РТ. – 2017. – №3. – С.103-106.
2. Ходжаев, Х.Х. Новые угрозы безопасности в Республике Таджикистан: Тенденции и реалии [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Таджикистан и современный мир. – 2017. – №2 (57). – С.62-71.
3. Ходжаев, Х.Х. Проблема экстремизма в современных обществах государств Центральной Азии [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова АН РТ. – 2017. – №1. – С.82-85.
4. Ходжаев, Х.Х. Терроризм, экстремизм и безопасность суверенитета Республика Таджикистана [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Правовая защита суверенитета Таджикистана: материалы научно-практической конференции посвященной 25 летия - XVI сессию Верховного совета РТ (г. Душанбе, 18.10.2017 г.). – Душанбе, 2017. – С.189.193.
5. Ходжаев, Х.Х. Трансформация политической культуры: теоретическая модель и практическая значимость [Текст] / Х.Х. Ходжаев // Таджикистан и современный мир. – 2015. – №3 (46). – С.27-36.
6. Хоҷаев, Ҳ.Ҳ. Шаклҳои тундгароӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Осиё ва Аврупо. – 2024. – №2 (18). – С.80-85.
7. Ҳайдаров, Р.Ҷ. Роҳҳои пешгирӣ намудани раванди ҷалби ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароии динӣ: ҷанбаи иҷтимоӣ-сиёсӣ [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров, Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ. – 2018. – №2. – С.90-93.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

Нуриддин П.Р. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Сафарзода Ҳ.С. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, эрод дорад. Ба сифати эрод дар тақриз қайд мегардад, ки: тавре аз мазмуни автореферат бармеояд, дар зербоби сеюми боби дуюми рисолаи илмӣ ҳамкориҳои Тоҷикистон дар доираи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ.24), аммо вобаста ба

таквият бахшидани механизми чунин ҳамкорӣ дар нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида муқаррароти зарурӣ манзур нагардидаанд.

Диноршоҳ А.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе. Тақриз мусбат аст, эрод дорад. Дар тақриз ба сифати эрод қайд мегардад. ки: ба сифати норасоии таҳқиқот ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки довталаб ба масъалаи роҳу усулҳои муқовимат ва мубориза бо тундгароии динӣ диққати камтар додааст. Аз ин рӯ, ба муаллифи диссертатсия пешниҳод менамоям, ки дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба ин масъалаи хеле мубрам низ диққати зарурӣ диҳад.

Юсупов Ғ.М. – номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст, се эрод аст. Дар эроди якум қайд мегардад, ки дар натиҷаи таҳқикот муаллиф чун хулоса зикр намудааст, ки "дар марҳилаи имрӯза афзоиши тундгароии динӣ дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ ба амал омада истодааст. Аз ин рӯ, ҷаҳонишавӣ барои баъзе кишварҳои олам сабаби бесуботии ҷомеа ба шумор меравад". Ба назари мо ин хулоса то андозае дуруст аст, вале бояд қайд намуд, ки дар Тоҷикистон ҳанӯз аз замонҳои паҳншавиаш дини ислом ҳамчун маҳаки зиндагӣ ва асоси фарҳангии чомеа таъсиргузор буд. Аз ин лиҳоз, таҳаввулоти тундгароии динӣ на танҳо зери таъсири ҷаҳонишавӣ, балки дар натиҷаи омилҳои дохилӣ, аз ҷумла вазъи иҷтимоӣ-иктисодӣ, сиёсатҳои давлатӣ ва таъсири муҳити фарҳангӣ низ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, баррасии паҳншавии тундгароии динӣ бояд бо дарназардошти ҳам омилҳои ҷаҳонӣ ва ҳам хусусиятҳои хоси таърихию фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон анҷом дода шавад.

Дар эроди дуюм қайд мегардад, ки муаллиф дар рисолаи худ ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун яке аз омилҳо ва роҳҳои паҳншавии тундгароии динӣ каму беш таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ба андешаи мо диссертант бояд бештар ба масъалаҳои таъсири муҳоҷирати мехнатӣ ба равандҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва идеологии Тоҷикистон диққат медод. Аз ҷумла, таҳлили амиқи нақши муҳити муҳоҷират, шароити зиндагӣ ва кории муҳоҷирон, таъсири гурӯҳҳои ифротӣ ба муҳоҷирон ва роҳҳои пешгирии гароиши онҳо ба андешаҳои тундгароёна метавонист арзиши илмии тадқиқотро боло барад. Инчунин, баррасии нақши муассисаҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳифзи хувияти миллӣ ва мазҳабии муҳоҷирон аҳамияти хосса дорад.

Инчунин муқарриз қайд менамояд, ки дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатогиҳои имлои ба назар мерасанд.

Интихоби муқарризон ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо дар самти масоили таҳқиқшуда корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд ва дар самти баррасии масъалаҳои тундгароӣ, ифротгароӣ ва терроризми динию сиёсӣ таҷрибаи илмию таҳқиқотӣ доранд. Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав ҳамчун муассисаи таълимии олии касбӣ дорои кафедраи тахассусӣ мебошад, ки кормандони ин кафедра дар самти таҳлилу баррасии мавзӯи таҳқиқшуда нашрияҳои алоҳида доранд.

**Шурои диссертатсионӣ дар асоси таҳқиқоти аз ҷониби унвонҷӯ анҷомёфта қайд менамояд, ки дар диссертатсияи мазкур:**

– хусусият ва моҳияти фарқкунандаи «тундгароии динӣ» омӯхта шуда, манбаҳои асосии ақидатӣ ва ҷаҳонбинии ин ҷараён баррасӣ гардидаанд;

– сабабҳои пайдоиш, ташаккул ва паҳн гаштани ин падидаи номатлуб дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон баён гардидааст;

– роҳҳо, шаклёбӣ ва рушди ҷаҳонфаҳмӣ ва ҷаҳонбинӣ, инчунин моҳияти тафаккури сиёсӣ ва ҳуқуқии насли наврас дар кишвар мавриди таҳлили интиқодӣ қарор гирифтааст;

– василаҳои асосии боло бурдани сатҳи шуурнокӣ ва маърифати сиёсии насли наврас омӯхта шуда, роҳҳо ва омилҳои пуртаъсири мубориза ва муқовимат ба тундгароии динӣ таҳлил гардидаанд;

- ҷойгоҳ ва мақоми васоити ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар нашр ва паҳн намудани таълимоти тундгароии динӣ омӯхта шуда, тарз, усул ва роҳҳои муқовимат бо ин падидаи номатлуб пешкаш гардидаанд.

- нақши афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** дар таҳқиқоти гузаронидашуда моҳияти бунёдгароии динӣ ва ифротгароии динӣ ба таври комплексӣ муайян карда шудааст, заминаҳои идеологӣ, ҷаҳонбинӣ, иҷтимоӣ – фарҳангии онҳо ошкор шудааст, мазмуни амали сиёсии онҳо дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон кушода дода шудааст. Асоснoккунии назариявии сабаби зуҳури ифротгароии динӣ метавонад дар тадқиқоти минбаъдаи ин падидаи манфӣ истифода бурда шавад.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:** Маводи диссертатсия метавонад дар таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин дар курсҳои махсус оид ба фанҳои исломшиносӣ, диншиносӣ, этносиёсӣ, равоншиносии (психологияи) ҳуқуқӣ, низоъшиносӣ, сиёсатшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия ҳамчунин метавонад дар фаъолияти кормандони оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартибот,

сохторҳои қудратӣ, ҳамчунин, ба сифати маводи таълимӣ барои шунавандагону донишомӯзони мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаҳо ва хадамоти амнияти миллӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** тадқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешавад. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

**Саҳми довталаб** дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар заминаи таҳлилу омӯзиши доираи васеи адабиёти илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда ва паҳлуҳои гуногуни он андешаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси 18 апрели соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, ки дар маҷлис иштирок намуданд, чунин овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Раиси
шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ ________________ Қувватзода С.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ ________________ Сангинов Н.Н.

**18 апрели соли 2025**